Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА - 012 назди
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомова Тухфамо Давлатовна ба кори диссертатсионии Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

## 1. Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Суғурта яке аз роҳҳои асосии ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва молумулкии муштариён (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) ҳангоми рух додани ҳодисаҳои номатлуб (ҳодисаҳои суғуртавӣ) аз ҳисоби фондҳои пулие, ки аз маблағҳои мукофотпулиҳои суғуртавӣ ташаккул меёбанд, мебошад.

Дар кишварҳои дорои иқтисоди бозории мутараққӣ ба таври умум эътироф шудааст, ки суғурта яке аз бахшҳои стратегии иқтисодиёт мебошад. Кафолати ҷуброни зарари ба моликон ҳангоми талафоти молу мулк ва аз даст додани даромад, фароҳам овардани бехатарии инсон дар ҳама маврид, суғурта суботи иҷтимоию иқтисодиро дар ҷомеа таъмин менамояд. Захираҳои ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун манбаи боэътимоди сармоягузориҳои бузург ба бахшҳои дурнамои соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ хизмат мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки дар мамлакатҳои тараққикарда ба суғурта аҳамияти калон дода мешавад. Бозори суғурта унсури муҳими сохтории иқтисодиёти бозорӣ буда, бидуни он фаъолияти муътадили соҳаи суғурта ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, омӯзиши вазъи кунунии бозори суғурта, сохтори он, мушкилотҳои ширкатҳои суғуртавӣ, арзёбии дурнамои рушди он, вазифаҳо ва амалиётҳои ширкатҳои суғуртавӣ хеле муҳим аст.

Барои фаъолияти муваффақи соҳибкорӣ дониши муайян дар бораи суғурта зарур аст. Набудан ё надоштани ин гуна дониш боиси нодуруст

фаҳмидани проблемаҳои суғуртавӣ мешавад, аз ин рӯ, ба вуҷуд овардани роҳҳои нодурусти бартараф намудани онҳо мебошад, ки боиси оқибатҳои номусоид мегардад.

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки фаъолияти суғурта бе таъсиси инфрасохтор, ба тартиб даровардан ва ҳавасмандгардонии фаъолияти агентҳои суғурта, ташкили ниҳодҳои арзёбии суғурта, таҳияи меъёру стандартҳои азнавсуғуртакунӣ ва умуман фароҳам овардани шароите, ки талаботро ба хизматрасонии суғуртавӣ ба миён меорад, имконнопазир аст.

Суғурта яке аз ниҳоди муҳимтарини иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Устуворӣ ва самаранокии фаъолияти иқтисодиро таъмин намуда, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад. Суғуртакунонӣ махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, ки иқтисодиёти он, чунон, ки маълум аст, дараҷаи баланди хавф дар қариб ҳамаи намудҳои фаъолият тавсиф карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки рушди фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ бо афзоиши шумораи хавфҳои гуногуне, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дучор мешаванд, шарҳ додан мумкин аст. Ширкатҳои суғуртавӣ имкон доранд, ки эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хавфҳоро арзёбӣ кунанд ва барои ҷуброни зарари эҳтимолӣ кафолатҳои муайяни молиявӣ пешниҳод намоянд, ки ин яке аз шартҳои асосии рушди соҳибкории мутамаддин дар кишвар мебошад.

Аз ин лиҳоз, интихоби чунин мавзӯи таҳқиқот бешубҳа муҳимияти омӯзиши масъалаҳои рушди соҳибкориро дар соҳаи суғурта инъикос менамояд ва дар оянда навгониҳои тадқиқот метавонанд дар коркард ва қабули барномаҳои давлатӣ дар самти бунёди инфрасохтори рушдёфта дар соҳаи соҳибкории суғуртавии мамлакат мусоидат намоянд.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ: 10.1, Рушди методология ва назарияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 10.3, Таҳлили қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкории муосир; 10.5, Таҳқиқи раванди соҳибкории муосир дар ваҳдати ҷузъҳои асосии он: шахсиятӣ (қобилиятҳои соҳибкорон ба фаъолияти

инноватсионӣ, хавфдор), иқтисодӣ (раванди ба даст овардани даромади соҳибкорӣ), ташкилӣ – иқтисодӣ (ташаккул ва рушди услуби соҳибкоронаи идоракунӣ; 10.8, Танзими давлатӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ (моҳият, принсипҳо, шаклҳо, методҳо); самтҳои асосии ташаккул ва рушди низоми танзими давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ; 10.10, Методология, назарияи таъмини рақобатпазирии сохторҳои соҳибкорӣ 10.13, Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ мувофиқат мекунад.

**3. Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ муаллиф, пеш аз ҳама, ба омӯзиши асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷӣ доир ба назарияи соҳибкорӣ таваҷҷуҳ намудааст. Аз он ҷумла диссертант қайд мекунад, ки дар рушди назарияи соҳибкорӣ ва ташаккули бозори суғурта, соҳибкории суғуртавӣ намояндагони мактабҳои гуногуни илмии кишварҳои Ғарб, олимони Россия, инчунин иқтисоддонҳои ватанӣ саҳми бузург гузоштанд ва асарҳои илмии онҳо тарҳи методологии пажӯҳишро муаяйн намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертатсия бо пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот ва хулосаҳое, ки дар рафти омӯзиш ба даст оварда шудаанд, сохтори кор ва мувофиқ будани усулҳои истифодашаванда барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда, тасдиқ карда мешаванд.

Асоснокии натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни таҳқиқот асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватанию хориҷӣ дар соҳаи соҳибкорӣ, дар бахши суғуртаи иқтисодиёт ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ истифода шудаанд.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил, хусусан усули таҳлили системавӣ ва муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, моделсозӣ, риёзиву иқтисодӣ ва мушоҳидаҳо ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Хулосаҳову пешниҳодҳои диссертант дар заминаи ҷамъоварии мавод, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба даст омадааст.

Натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар конфронсу семинарҳои байналмилалӣ ва ватанӣ тасвиб гардида, дар асоси маводи диссертатсия 30 кор бо ҳаҷми умумии зиёда аз 34 ҷ.ч., аз ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз ҷониби КОА - и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд, 4 монографияи муаллифӣ ба чоп расидаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ ба сифати сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомотҳои давлатӣ, маълумотҳои Агентии омори назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва инчунин захираҳои иттилоотии "Интернет' истифода шудаанд.

**4. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда**

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз инкишоф ва таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ иборат мебошад.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқот, ки мантиқи пажуиши илмӣ ва саҳми шахсии муаллифро инъикос мекунанд, инҳо мебошанд:

1. Асоснок гардидааст:

а) омӯзиши субъектҳои соҳибкорӣ, аз он ҷумла, соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт, ки на аз шароити баланд бардоштани фоида, балки тавзеҳи падидаи бавуҷудоии ташкилотҳо ва қонуниятҳои рушди минбаъдаи он равона мешавад;

б) дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти пурсамар маҳз бо роҳи муттаҳид сохтани амалҳои муштарак дар самти пешгирии хавфҳо ва хароҷоти трансаксионӣ сурат мегирад, ки ин падида ба нуфуз ва ҷойгоҳи соҳибкории суғуртаро дар иқтисодиёт мустаҳам менамояд;

в) ҳамаи муносибатҳои соҳибони дороиҳо оид ба мубодила ё истифодаи онҳо бо шартномаҳо танзим карда мешаванд, ки ба сифати онҳо созишнома оид ба мубодилаи байни агентҳои иқтисодӣ хизмат мекунад ва ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро мушаххас месозад.

2. Муаллиф дар асоси таҳлили назариявӣ асоснок мекунад, ки маҳз назарияи функсионалии манфиати суғуртавӣ имконияти рушди ҳама гуна шартномаҳои суғуртавиро бе ягон маҳдудиятҳои расмии марбут ба асосноккунии манфиати суғуртавӣ, ки дар зинаи ибтидоии иерархияи талаботи А.Маслоу қарор дорад, боз намуда, ба таври объективӣ ба рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва соҳибкорӣ, мусоидат мекунад; муносибати озод ба талабот ва пешниҳоди чунин хизматрасониҳои суғуртавиро, ки ба суғурташавандаи эҳтимолӣ вобаста ба манфиатҳояш заруранд, дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳавасманд месозад.

3. Дар асоси таҳқиқи моҳияти талаботу манфиати суғурта ва моҳияти иқтисодии суғурта бо назардошти шаклҳои имконпазири институтсионалии татбиқи он, муаллиф тавонистааст ба мафҳумҳои «суғурта» ҳамчун объекти соҳаи соҳибкорӣ, «соҳибкории суғуртавӣ» равшанӣ андозад: «Суғурта ҳамчун муносибатҳо доир ба истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳо барои ҳимояи манфиатҳои амиқан вуҷуддоштаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми ба амал омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ таъриф карда шавад, ки асоси моддӣ ё иқтисодии онро ташаккул ва истифодаи фонди суғуртавиро ташкил медиҳад». «Соҳибкории суғуртавӣ – ин шакли махсус, як навъ соҳибкории молиявию қарзӣ мебошад, ки асоси онро фаъолият оид ба кафолати суғуртаи ҷубронҳои зарари эҳтимолии амвол, ашёи қиматбаҳо, ҳаёт дар натиҷаи ҳодисаи ғайричашмдошт ташкил медиҳад».

4. Дар асоси таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ қонуниятҳои рушд (вобаста ба рӯи кор омадани принсипи ратсионализми иқтисодӣ) ва тамоюлҳои муосири рушди бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2021 муайян карда шудааст, ки дар бозори суғуртаи мамлакат тамоюлҳои муттаҳидшавӣ (кам шудани шумораи умумӣ) ташкилотҳои суғуртавӣ ва сармоягардии маблағҳои суғуртакунандагон сурат гирифтааст; тамоюл ба сӯи афзудани намудҳои ихтиёрии суғурта, ки заминаи рушди соҳибкории суғуртаро таъмин менамояд, мушоҳида мешавад.

5. Вазъи ташаккули талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ муайян шуда, муносибатҳои меъёрӣ ба дарки афзалиятҳои рақобатпазирии ширкатҳои суғуртавии ҷумҳурӣ таҳия карда шуданд, ки имкон медиҳанд таркиб ва сатҳи рақобат дар бозори суғурта пешбинӣ карда шаванд ва вобаста ба он принсипҳо ва роҳҳои такмили банақшагирии ширкати суғуртавӣ муайян карда шуданд.

6. Ҷанбаҳои қавӣ ва заифи сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта дар мисоли ширкатҳое, ки ба шаклҳои гуногуни бозори суғурта мансубанд, тавсиф карда шуда, равандҳои асосии соҳибкории суғуртавӣ дақиқ аниқ гардидаанд, ки самтҳои банақшагирии стратегиро муайян мекунанд, дар натиҷа, сохтор ва афзалиятҳои стратегияи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши суғуртавии иқтисод муайян карда шудааст.

7. Дар тазкираи муаллиф фаъолияти самаранокии ширкати суғуртавӣ дар заминаи принсипҳои квазинтегратсионӣ пешниҳод карда шудааст, ки равандҳои интегратсионии (ташкил ва ҳамкорӣ) ҳамаи зертобеони сохториро барои ноил шудан ба ҳадафи умум ва ба даст овардани даромад муттаҳид шудаанд, дар бар мегирад. Амсилаи мазкур имкон

медиҳад, ки манфиатҳои давлат, (вобаста ба танзими фаъолияти суғуртавӣ), манфиатҳои суғурташавандагон (истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ) ва соҳибмулкеро, ки бо мақсади ба даст овардани фоида субъекти фаъолиятро ташкил мекунад, бештар омезиш диҳанд.

8. Муаллиф муқаррар менамояд, ки қувва, сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ дар шароити тақвият ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, дастгирии давлатии ин намуди соҳибкорӣ, танзими бозори суғуртаро шадидан талаб мекунанд, дар шароити гузариш Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд, зарур аст, ки шароит ва муҳити кофӣ фароҳам оварда шаванд, то ки ширкатҳои ватании суғуртавӣ ва суғурташавандагон дар ҳамкории қавӣ бо ҳамдигар соҳаи эътимоднок ва рушдёфтаи суғуртавиро аз нуқтаи назари молиявӣ, ташкилӣ ва касбӣ таъмин намуда, ба ин васила бахши инфрасохтори фаъолро ташкил кунанд.

9. Механизмҳои такмили фаъолияти назорати давлатӣ, аз ҷумла, назорат ба эҳтиёткорӣ, ҷорӣ кардани принсипҳои назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, инчунин, тавсияҳоии методӣ оид ба ташаккули ҳудуди хавфҳо ҳамчун афрози банақшагирӣ ва назорат дар сохтори соҳибкории бахши суғурта пешниҳод гардидааст.

10. Дар асоси таҳлил муаллиф омилҳоеро асоснок мекунад, ки дар ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт нақши муҳимро иҷро менамояд: омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили кадрҳои соҳибкорӣ, ки таҷрибаи менеҷменти суғуртаро аз худ менамоянд; ташкили таълими усулҳои муосири пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, таълим ва бозомӯзии кадрҳо, таҷрибаомӯзии онҳо дар кишварҳои пешрафта; ташкили шабакаи марказҳои машваратӣ, ки интихоби касбӣ ва самтдиҳии кадрҳои соҳибкориро дар бахши суғуртаи ҷумҳурӣ муайян менамоянд, ташкил медиҳанд.

### 5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертационӣ дар он аст, ки шарти ҳатмии инкишофи минбаъдаи фаъолияти суғурта дар ҳолати ба кор андохтани иқтидорҳои калони иқтисодии мамлакат, инкишофи институтҳои молиявӣ, баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ вобаста аст. Рушди суғурта дар минтақаҳо танҳо дар якҷоягӣ бо рушди сатҳи иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ соҳибкорӣ инкишоф хоҳад ёфт. Аз ин лиҳоз, ба андешаи муаллиф, таҳияи барномаи минтақавии ҳамаҷонибаи рушди соҳибкории суғуртавӣ, қабл аз ҳама, таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба суғурта, таҳияи чораҳои иловагӣ ҷиҳати баланд бардоштани

ҳавасмандии суғуртакунандагон ба рушди иқтисоди минтақаҳои кишвар оид ба татбиқи «Самтҳои асосии рушди низоми миллии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бомаврид мебошад. Дар асоси муқоиса ва омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти соҳибкории суғуртавӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар ҷумҳурӣ барои танзими давлатии фаъолияти суғурта истифода бурдани модели олмонии танзим (на модели англосаксонӣ), ки бо дараҷаи нисбатан баланди дахолати давлат ба хизматрасониҳои молиявӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи фаъолияти соҳибкории суғурта хос аст, ки дар асоси омезиши оқилонаи танзими механизми давлатию бозорӣ сурат мегирад. Илова ба ин диссертант қайд мекунад, ки хеле муҳим аст, ки механизми танзими давлатӣ ба истифодаи оптималии меъёрҳои самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ монеъ нашавад.

Махсусан, аҳамияти амалии таҳқиқотро таъкид кардан лозим аст, ки аз сабаби набудани азнавсуғуртакунӣ дар дохили мамлакат ба хориҷи кишвар хориҷ шудани маблағҳои суғуртавӣ дар шакли мукофоти азнавсуғуртакунӣ зарур аст.  Аз ин хотир, муаллиф пешниҳод мекунад, ки «Ташкилоти миллии азнавсуғуртакунӣ» барои баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии суғуртакунандагони ватанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Дар робита ба ин, дар диссертатсия воситаҳо ва усулҳои банақшагирӣ ва таҳияи нақшаи бизнес, таҳияи стратегияи рушди ташкилотҳои суғурта, инчунин алгоритми тадқиқоти маркетингӣ дар бозори хизматрасонии суғурта, ки аз унсурҳои сохторӣ ё марҳилаҳои татбиқ иборатанд, пешниҳод шудаанд.

### 6. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ

Диссертатсия аз муқаддима, чор боби матни асосӣ, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст. Мазмуни асосии кор дар 344 саҳифаи чопи компютерӣ баён гардида, 57 ҷадвал ва 24 расмро бо иттилооти оморӣ ва муқоисавӣ дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳамият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия баён гардидааст.

Дар боби якум "Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ" (саҳ. 26-94) моҳияти иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, хусусиятҳо ва принсипҳои ташкилии соҳибкории суғуртавӣ, хизматрасониҳои суғуртавӣ, принсипҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳангоми таҳқиқоти илмӣ муаллиф, ба омӯзиши асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷӣ доир ба назарияи соҳибкорӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар рушди назарияи соҳибкорӣ ва ташаккули бозори суғурта, соҳибкории суғуртавӣ намояндагони мактабҳои гуногуни илмии кишварҳои Ғарб ва Шарқ саҳми бузург гузоштаанд.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки суғурта яке аз институтҳои асосии иқтисоди бозорӣ на танҳо аҳамияти бузурги иҷтимоию иқтисодӣ дорад, балки самаранокиву амнияти фаъолияти иқтисодии мамлакатро таъмин намуда, заминаи объективии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавиро аслан ду муносибати муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ ташкил медиҳад: а) манфиати суғуртавӣ, ки тадриҷан ба талабот табдил ёфта чун молу хизматрасониҳои дигар ниёз ба қаноатмандиро пайдо менамояд ва мавриди мубодилот қарор мегирад. Умуман, бидуни манфиат, бахусус манфиати амволи суғурта ва соҳибкории суғуртавӣ вуҷуд надорад. Манфиати суғуртавӣ дар уҳдадорӣ оид ба суғурта, унсуре мебошад, ки мавҷудияти ниҳоди суғурта ва бинобар ин, соҳибкориро дар ин бахши иқтисод муайян мекунад; б) ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ ба дараҷаи муайян аз сатҳи хавфҳое, ки шароити иқтисоди бозорӣ вусъат меёбанд, вобаста мебошад.

Дар боби дуюм "Асосҳои методологии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ. 95-174) методологияи баҳисобгирии даромад ва хароҷоти соҳибкории суғуртавӣ, сатҳи даромаднокии соҳибкории суғуртавӣ, усулҳои таҳлили рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ, хусусиятҳои нархгузорӣ дар хизматрасониҳои соҳибкории суғуртавӣ муайян карда шуда, сатҳи даромаднокии соҳибкории суғуртавӣ арзёбӣ карда шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз сабабҳои асосии ба таври нокифоя рушд кардани бахши суғурта дар кишвар, мавҷуд набудани рақобат дар бозори суғурта мебошад, ки имкониятҳои ширкатҳои хусусии суғуртавиро дар баробари ширкатҳои давлатӣ барои расонидани хизматрасониҳои суғуртавӣ, аз ҷумла, хизматрасониҳои суғуртавии ҳатмӣ маҳдуд мекунад. Таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон дар ин самт нишон медиҳад, ки татбиқи хизматрасониҳои суғуртавии ҳатмӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии суғуртавӣ ба рушди рақобат дар бозори суғурта, пайдоиши хизматрасониҳои нави суғуртавӣ, баланд бардоштани сифати онҳо ва самаранокии ширкатҳои суғуртавӣ мусоидат менамояд (саҳ. 103-104).

Дар ҷадвали 2.2.2. аз ҷониби муаллиф динамика ва сохтори нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то соли 2020 нишон дода шудааст. Қайд

менамояд, ки дар ин давра даромади ташкилотҳои суғуртавӣ қариб 3 маротиба зиёд шудааст. Ҳақпулиҳои суғуртавӣ бештар аз 90% воридоти умумии фонди суғуртавиро ташкил медиҳанд. Пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ ва маблағҳои суғуртавӣ дар соли 2020 18,7 миллион сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба соли 2010 зиёда аз 25 фоиз афзуда, вазни холиси онҳо дар ҳаҷми умумии хароҷот ба ҳисоби миёна 5,5 фоизро ташкил дод. Дар соли 2020 бештар аз 24% даромадҳои суғуртавӣ ба захираҳои суғуртавӣ равона карда шуд, ки манбаи фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳамчунин шароити муфид барои рушди соҳибкорӣ мебошанд. Дар ин давра фоидаи тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ аз 3,4 дар соли 2010 то 94,8 миллион сомонӣ зиёд шуд (саҳ. 111). Инчунин, қайд мекунад, ки дар Тоҷикистон бо суғурта танҳо тақрибан 8% майдони суғуртавӣ бо сатҳи пардохтҳо – 9,2% фаро гирифта шудааст, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар кишварҳои аврупоӣ 60 – 80% – ро ташкил медиҳад. Дар айни замон, бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни дигар бозорҳои ғайрибонкии молиявӣ бештар сармоягардии баландро соҳиб аст. (саҳ. 113)

Дар боби сеюм "Таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ. 175-249) сатҳи сармоягузории даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, самараи талаботи хизматрасониҳои суғуртавӣ, хусусиятҳои ташаккули пешниҳод дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва арзёбии афзалиятҳои рақобатнокии субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ, рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии соҳибкории суғуртавӣ ин мавҷудияти талаботи ҷомеа ба маҳсулоти суғуртавӣ ва фаъолияти суғуртакунандагоне мебошад, ки қодиранд ин талаботро қонеъ намоянд. Ташкилоти суғуртавӣ дар қатори ниҳодҳои дигар (бонкҳо, биржаҳо, фондҳои сармоягузорӣ) унсури ҷудонашавандаи низоми молиявии хоҷагии ҷамъиятиро ташкил медиҳад.

Дар боби чорум "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ. 250-308) такмили механизмҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳибкории суғуртавӣ, истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории суғуртавӣ, такмили ҷанбаҳои методии назорати давлатии соҳибкории суғуртавӣ чун пояҳои асосии рушди соҳибкории суғуртавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар ин замина дурнамои рушди соҳибкории суғуртавӣ муайян карда шудааст.

Диссертант алгоритми таҳияи нақшаи бизнес барои ташкилотҳои суғуртавиро пешниҳод карда, қайд менамояд, ки ба талаботи харидорон мувофиқ будани хосиятҳои маҳсулоти суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ тамоюли асосии рушди бизнес ва маркетинги суғуртавӣ мебошад. Истифодаи механизмҳои пешниҳодшудаи такмил додани банақшагирӣ ва таҳияи нақшаҳои бизнес ба ташкилотҳои суғуртавӣ имкон медиҳад, ки мушкилотро дар таҳия ва ҷойгиркунии маҳсулоти нав бартараф намуда, эътибори ташкилоти худро беҳтар созанд.

Дар боби мазкур таъкид карда мешавад, ки хусусияти динамикаи нишондиҳандаҳои иқтисодии ташкилоти суғуртавиро бо истифода аз ин ё он функсияи риёзӣ ё идоракунии аналитикӣ тавсиф кардан мумкин аст. Инчунин, барои арзёбии нишондиҳандаҳои асосии вазъи бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ояндабинии он амсилаи эконометрикӣ тартиб дода шудааст (саҳ. 305). Пешниҳод шудааст, ки бо мақсади таъмини рушди босамари суғурта дар ҷумҳурӣ хамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ бояд дастгирии суроғавии давлат ва танзими давлати ташкил карда шавад.

Хулоса ва пешниҳодҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шудаанд (саҳ. 309-318).

### 7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Дар қисми назариявии диссертатсия ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оварда шуда ва таҳлил карда шудааст. Аммо, пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳатҳои назариявию методологии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ кам ба назар мерасад. Дар охири боби якум назарияҳои олимон ҷамъбаст карда, хулосаҳои шахсии докторант оид ба ҷанбаҳои назариявӣ-методологии масъалаи мазкур хулосабандӣ кардан мувофиқи мақсад буд;
2. Дар диссертатсия таърифҳои хосе, ки дар адабиёти илмии ба омӯзиши хавфҳо бахшида шудаанд, оварда шудаанд. Хуб мешуд агар аз ҷониби диссертант таснифоти хавфҳое соҳибкорӣ баррасӣ карда мешуд;
3. Муаллиф дар саҳифаи 280 қайд менамояд, ки «Ба назари мо, дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи модели олмонии танзим, ки ба он сатҳи баланди танзими давлатии бозори молиявӣ хос аст, бахусус нисбат ба ташкилотҳои суғуртавӣ ва фаъолияти суғуртавӣ

дар асоси маҷмуи механизми танзими давлатии бозор ба мақсад мувофиқ мебошад». Аммо дар диссертатсия исботи илмию амалии истифодаи модели мазкур дар Тоҷикистон иҷро карда нашудааст.

4. Диссертант адабиётҳои илмиро омӯхта (саҳ 34-35) аз олимони хориҷӣ иқтибос овардааст, аммо ин муаллифон ба рӯйхати адабиёт ворид карда нашудаанд. Инчунин дар саҳ. 63 диссертант доир ба пул ҳамчун мол сухан ронда ақидаи олими австриягӣ К. Менгерро меорад, аммо на иқтибос ва на дар рӯйхати адабиёт ин олим оварда нашудааст;
5. Дар саҳ. 135 ҷадвали 2.3.1. ибораи нархи лағжанда афтанда оварда шудааст, шояд коҳишёбанда бошад? Инчунин диссертант дар саҳ. 151-152 формулаҳои зиёдеро доир ба ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои суғуртавӣ овардааст. Хубтар мешуд, ки ӯ бо мисолҳо онҳоро шарҳ медод;
6. Муаллиф дар диссертатсия қайд мекунад, ки дар асоси пурсишномаҳо 500 нафар доир ба хоҳиши суғуртакунӣ ва дар саҳ. 204 дар расми 14 сохтори объектҳои суғурта, ки дар асоси пурсиши 1000 нафар маълумот оварда шудааст, хуб мешуд, ки маълумотномаҳо дар замима ҷойгир карда мешуданд;
7. Дар диссертатсия хатогиҳои имлой, техникӣ мушоҳида мешаванд, инчунин ибораҳои сифр русӣ ба монанди параметр, капитализатсия ва ғайра оварда шудааст, бояд кӯшиш намуд, ки синоними тоҷикиро истифода намуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида ба моҳияти назариявӣ ва амалии дисссртатсия таъсири манфӣ намерасонад, арзиши таҳқиқоти илмиро паст наменамояд ва ҳамчун тавсия барои таҳқиқотҳои оянда баррасӣ карда мешаванд.

**8.Мувофиқати диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»**

Умуман, диссертатсияи Шамсуллозода Ш. таҳқиқоти илмии мустақилона буда, корҳои мунташиршудаи ӯ дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои илмӣ, арзиши назариявию методологӣ ва аҳамияти амалӣ доранд, ки барои ташаккул ва рушди соҳаи соҳибкории суғуртавӣ ва соҳаи суғурта дар маҷмӯъ, амалигардонии механизми танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳибкории суғуртавӣ мусоидат менамояд.

Автореферат ва корҳои нашршудаи диссертант дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода мекунанд.

Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар он муаллифи кори диссертатсионӣ Шамсуллозода Шукрулло сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**д.и.и., профессори кафедраи**
**“Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ” – и**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Низомова Т.Д.**

**Имзои Низомова Т. Д. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Тел.: + (992 37) 221 - 77 – 11; www. tnu. tj 93 423 82 20. E-mail: tuhfamoh 49@ mail.ru